**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи Фаттона Бадахш «Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01. 01-Адабиёти тоҷик.**

Таҳқиқи таърихи адабиёт масъалаи печидаву муҳим буда, барои ошкор кардани ҷараёнҳои адабии муосир заминаи мусоид фароҳам месозад. Адабиёти тоҷик шохае аз дарахти тануманди адабиёти форсӣ аст, ки дар тӯли қарнҳои мутамодӣ барои парвариши завқи бадей ва зебоишиносии мардумони Варорӯд хидмат кардааст. Мунтаҳо, дар ибтидои қарни ХХ-и мелодӣ ҳодисаҳое рух дод, ки мунҷар ба тағйири масири рушди адабиёти тоҷик дар он хитта шуд.

Таҳлили муқоисавии намояндагони адабиёти муосир дар кишварҳои Тоҷикистону Афғонистон барои ошкор кардани равандҳои ташаккули адабиёти тоҷик дар ду ҳавзаи гуногун аҳамияти калон дорад. Гарчанде мавзӯъҳои адабӣ дар ду кишвари ҳамсоя бо забони ягонаи тоҷикӣ эҷод шудаанд, аммо раванди ташаккули марҳалаҳои адабӣ аз назари иҷтимоию таърихӣ аз якдигар мутафовит аст. Дар ин гуна таҳқиқҳо монандӣ ва фарқиятҳои рушди адабиёти тоҷик дар ду ҳавзаи адабӣ ошкор ва таъсирпазирии онҳо яз ҳамдигар муайян карда мешавад. Шинохти ҷараёнҳои адабӣ дар ду ҳавзаи мутафовит барои рушди илми адабиётшиносӣ заминаи мусоидро фароҳам меорад. То кунун таҳқиқи муқоисавӣ дар заминаи рушди адабиёти тоҷик дар кишварҳои ҳамзабон камтар ба чашм хӯрда, аммо таваҷҷуҳ ба он аҳамияти калон дорад.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи интихобкардаи унвонҷӯ Фаттона Бадахш «Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифӣ Бохтарӣ» падидаи нав буда, барои дарку фаҳми равандҳои рушди адабиёти тоҷик дар кишварҳои ҳамзабон мусоидат хоҳад кард.

Интихоби ду шоири номдор ва таъсиргузор дар таҳаввули шеъри тоҷик дар Тоҷикистону Афғонистон бисёр мантиқӣ аст, зеро ҳар ду шоир аз пешгомони эҷодкунандаи таҳаввул дар адабиёти муосир, дар ҳавзаҳои адабии худ шинохта шудаанд ва осори онҳо дар такомули насли шоирони нимаи дувуми асри ХХ бисёр таъсиргузор будааст.

Муъмин Қаноат аз бунёнгузорони шеъри нав дар Тоҷикистон ва Восифи Бохтарӣ ҳам аз шоирони навгаро Афғонистон маҳсуб мешаванд. Аз ин ҷиҳат, шабоҳатҳое дар осори ин ду шоир мушоҳида мешавад. Гарчанде ин ду шоир афкору осори худро дар қолабҳои гуногун ба хонандаи хеш пешниҳод кардаанд, аммо як навъ ваҳдати назар дар осори онҳо дида мешавад.

Унвонҷӯ дар як таҳлили муқоисавӣ ҷанбаҳои таърихию иҷтимоӣ, монандӣ ва тафовутҳо дар корбурди қолабҳои шеърӣ, ваҳдати андеша дар осор, таҳаввули жанри достон, хусусиятҳои сабк ва забони баёни ду шоирро дар рисолаи хеш таҳлилу баррасӣ карда, хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Автореферат аз се боб таркиб ёфта боби якуми он дорои чор фасл, боби дуюм дорои се фасл ва боби сеюми он дорои чор фасл аст. Аз фишурдаи рисола маълум мегардад, ки бобҳо ва фаслҳои он масъалаҳои муҳимми адабии имрӯзаро фарогир буда, ҳам дар адабиёти Тоҷикистон ва ҳам Афғонистон бисёр масъалаҳои адабии ҳар ду ҳавзаро ошкор карда метавонад. Махсусан, боби сеюми он фаслҳои «Таҳқиқи қиёсии ҳунари шоирии Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ», ки фарогири фаслҳои «Забон ва тарзи баён», «Символ ё намод дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ», «Хусусиятҳои бадеии ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ», «Вазн, қофия ва радиф дар ашъори ҳарду шоир» фаро гирифта, дар адабиёти муосири ҳам Афғонистон ва ҳам Тоҷикистон ошкорсозии ин навъ хусусиятҳои анвои адабӣ, махсусан, дар мисоли саромадон ва навгароёни ин ду ҳавзаи адабӣ бисёр муҳим аст.

Фишурдаи рисолаи Фаттона Бадахш бо мазмун муҳтавои рисола ҳамхонӣ дошта, бо меъёрҳои таъйиншуда барои анҷоми таҳқиқи илмӣ мутобиқат дорад.

Бо вуҷуди ин, дар фишурдаи рисола баъзе нуқсонҳо мушоҳида мешавад:

- назари таърихӣ ба баъзе хулосабарориҳои унвонҷӯ дар масъалаи ташаккули равандҳои адабӣ дар Тоҷикистону Афғонистон чандон бо воқеият созгор нестанд;

- миёни иборахо ва ҷумлаҳо нуқсони мантиқӣ дида мешавад;

- дар матни автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтааст, ки ислоҳи онҳо ҳусни кори илмиро афзун хоҳад кард.

Сарфи назар аз ин, фишурдаи рисолаи унвонҷӯ Фаттона Бадахш «Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)» баёнгари он аст, ки рисолаи мазкур як таҳқиқоти анҷомёфтаа буда, пурра ба меъёрҳои талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Сардори шуъбаи омодакунии
кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии
Академияи идоракунии далатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ,
Тел: (+992)985118470.
becim1991@mail.ru Маликшоева Ш.Х.

Имзои Маликшоева Ш.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсус Абдуалимзода И.И.